آواز تاجیک
*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

7 марти соли 2026
Шанбе
№ 19 (15238)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# БА КИШВАРЕ, КИ ДАР ОН ЗАНОН ХУШБАХТОНА ВА ДАР ФАРОВОНӢ ЗИНДАГӢ МЕКУНАНД, ТАБДИЛ ДОДАНИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ – МАҚСАДИ ОЛӢ

***Дар қароргоҳи «Кўксарой» бо иштироки Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба 8 март – Рӯзи байналмилалии занон чорабинии тантанавӣ баргузор гардид.***






Дар рӯзҳои шодмон, вақте ки бо нафаси аввалини баҳор табиат бедор мешавад ва ҷаҳон зебоии нав касб мекунад, дилҳои мо боз ҳам аз рӯҳи иди меҳрубонӣ ва нозукӣ – 8 март саршор мегарданд. Ба шарофати занон ҷаҳон бо меҳрубонӣ ва муҳаббат, хушбахтӣ ва оромӣ мунаввар аст. Дуоҳои модарон ва табассумҳои хоҳарон ба зиндагӣ маъно мебахшанд ва боварии моро ба фардои нек боз ҳам устувортар мегардонанд.

Имрӯз эҳтироми баланду гиромидоште, ки нисбат ба занони мо зоҳир мегардад, дар яке аз меъёрҳои асосии ислоҳот таҷассум меёбад. Зан на танҳо нигаҳбони гармии хонадон, балки ҳамчун шахси фаъоли замони муосир, роҳбари хирадманд ва созандаи фаъол эътироф мешавад, ки дар рушди Ўзбекистони Нав саҳми бебаҳо мегузорад. Чорабинии тантанавии идона боз як намунаи равшани арҷгузорӣ ба арзишҳои олии инсонӣ гардид.

Ҳангоми суханронӣ дар маросим Сарвари давлат тамоми занони кишварро самимона табрик гуфт.

– Зиндагии инсон ва рушди ҷомеаро бидуни занону духтарон ва бе фазилатҳои некӯи онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Мо дар симои шумо неруи бузургеро мебинем, ки 22 миллион нафар насли ҷавонро, ки ҳамчун бунёдкорони Эҳёи сеюм ба майдон меоянд, бо меҳри модарона тарбия карда, ба камол расондааст.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН

Ассалому алайкум, модарони муҳтарам, хоҳарони гиромӣ ва духтарони азиз!

Шуморо, тамоми бонувони Ўзбекистонро бо 8 март – Рӯзи байналмилалии занону духтарон аз самими қалб табрик мегӯям.

Зиндагии инсон ва рушди ҷомеаро бидуни занону духтарон ва бе фазилатҳои некӯи онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Мо дар симои шумо неруи бузургеро мебинем, ки 22 миллион нафар насли ҷавонро, ки ҳамчун бунёдкорони Эҳёи сеюм ба майдон меояд, бо меҳри модарона тарбия карда, ба камол расондааст.

Агар гӯем, ки Шумо соҳибкор, олим, омӯзгор, шифокор, муҳандис, арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ, бо як сухан, фариштаҳои хонадонҳои мо, такягоҳи оила ва ҷомеа ҳастед, ин айни ҳақиқат хоҳад буд.

Хоҳарони азиз!

Мо дар мамлакат ҷиҳати таъмини ҳуқуқу манфиатҳои занону духтарон ва ҳалли мушкилоти онҳо низоми комилан навро ба роҳ мондем. Ҳангоми қабули ҳамаи қонун, фармон ва қарорҳо механизмҳои ҳуқуқии вобаста ба масъалаҳои гендерӣ ҷорӣ карда шуданд.

Акнун бидуни арзёбии таъсир ба ҳуқуқу манфиатҳои занону духтарон ягон қонун қабул намешавад.

Бо туфайли имконият ва шароите, ки фароҳам гардид, синфи тақрибан 230 ҳазор нафар бонувони соҳибкор ташаккул ёфт, шумораи занони фермери мо ба 12 ҳазор нафар расид, теъдоди бонувони олиме, ки дар рушди илму фан саҳми бузург мегузоранд, аз 6 ҳазор нафар афзуд.

Соли гузашта духтарони шуҷои мо дар майдонҳои варзишии ҷаҳон 167 медали тилло, 193 нуқра ва 243 биринҷӣ ба даст оварданд, ки сазовори таҳсин аст.

Чунин тағйироти бузург дар ҳаёти занону духтарони мо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ низ эътироф мегардад. Бахусус, Ўзбекистон дар рейтинги «Занон дар парлумон»-и Иттиҳоди байнипарлумонӣ 92 зина боло рафта, мақоми 36-умро ишғол кард; дар индекси «Баробарии гендерӣ ва идоракунӣ» аз ҷойи 103-юм ба мақоми 52-юм баромад; дар ҳисоботи «Бонувон, тиҷорат ва қонун»-и Бонки ҷаҳонӣ мавқеи худро 43 зина беҳтар намуда, ба ҷойи 48-ум баромад.

Аз фурсат истифода бурда, ба бонувонамон, ки бо меҳнат, истеъдод ва заковати худ дар бунёди Ўзбекистони Нав саҳми арзанда мегузоранд, ба духтаронамон, ки дар арсаи байналмилалӣ Ватанамонро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунанд ва ҳамчунин ба падару модар, устод ва мураббиёни онҳо миннатдории самимӣ баён менамоям.

Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!

Масъалаи соҳиби кор ва даромад намудани занон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мо қарор дорад. Соли гузашта бо мақсади таъмини шуғли занон ва ҷалби онҳо ба соҳибкорӣ 23,5 триллион сӯм кредит равона кардем. Дар натиҷа беш аз 425 ҳазор хоҳарони мо ба фаъолияти соҳибкорӣ ҷалб гардиданд.

Масалан, сокини ноҳияи Янгиариқ Наргиза Бекмуратова, ки дар соҳаи нассоҷӣ 300 занро бо ҷойи кор таъмин кардааст, соли гузашта корхонаи дуюми худро кушода, боз 100 ҷойи нави корӣ таъсис дод. Ин духтари соҳибкори мо соли 2025 дар озмуни байналмилалӣ, ки дар шаҳри Анқара баргузор гардид, дар номинатсияи «Бонуи соҳибкоре, ки барои занону духтарон бештар ҷойи корӣ таъсис додааст» ғолиб шуд.

Ман чунин духтарони боғайрати худамонро бунёдкорони Ўзбекистони Нав мешуморам. Барои ҳамаҷониба дастгирӣ кардани онҳо омода ҳастам. Аз ин рӯ, соли ҷорӣ 166 ҳазор занону духтарон ба касбҳои муосир ва соҳибкорӣ, боз 100 ҳазор нафари дигар ба соҳаи технологияҳои иттилоотӣ омӯзонида мешаванд.

Ҳамчунин барои дар хонаи худ соҳибкорӣ намудани хоҳаронамон барномаи «Бонуи соҳибдаромад»-ро оғоз хоҳем кард. Тавассути ин бо кумаки соҳибкорони пешсаф дар соҳаҳои хонакорӣ, ҳунармандӣ, парандапарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва боғдорӣ шуғли 50 ҳазор зан таъмин карда мешавад.

Ғайр аз ин, дар доираи барномаи «Ҳамроҳ» барои 3 ҳазор лоиҳаи занон дар маҷмӯъ 1 триллион сӯм ҷудо мегардад.

Дар маҷмӯъ, соли ҷорӣ соҳиби даромад намудани 1,5 миллион бонувон, аз ин шумор ба фаъолияти соҳибкорӣ ҷалб намудани 400 ҳазор нафарро пеши худ мақсад кардаем. Барои татбиқи ин ҳадафҳо зиёда аз 25 триллион сӯм маблағ равона карда мешавад. Барои иҷрои ин корҳо муовинони Сарвазир Ҷ. Қӯчқоров ва З. Маҳкамова, вазири коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва таъмини шуғл Б. Зоҳидов, раиси Бонки марказӣ Т. Ишметов ва ҳокимони вилоятҳо масъул хоҳанд буд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

***Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон***

# ДАР БОРАИ ОМОДАГӢ ВА БАРГУЗОРИИ ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРӮЗ ДАР СОЛИ 2026

Бо шарофати ислоҳоти густурдае, ки дар мамлакат амалӣ мегарданд, дар роҳи таъмини қадри инсон, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, таҳкими муҳити сулҳ, дӯстӣ ва ҳамҷиҳатӣ дар ҷомеа ва тамоюлҳои адолати иҷтимоӣ қадамҳои бузург гузошта мешаванд.

Ин ҳама моҳияти инсонпарваронаи ҷашни Соли нави шарқиёна – Наврӯзи оламро, ки дорои таърихи куҳан ва анъанаҳои ғанӣ мебошад, инчунин аҳамияти арзишҳои абадии он, чун таҳаммулпазирӣ, саховатмандӣ ва меҳру муҳаббатро боз ҳам афзун менамояд.

Бо мақсади дар тамоми шаҳр ва деҳаҳо, дар саросари кишвар дар сатҳи баланди ташкилӣ ва дар рӯҳияи болида ҳамчун сайри умумихалқӣ истиқбол намудани ҷашни Наврӯз, ки солҳои охир дар ҳамоҳангӣ бо дигаргуниҳои воқеан таърихӣ, ки дар Ўзбекистони Нав амалӣ мегарданд, мазмуну муҳтавои боз ҳам амиқтар пайдо кардааст, **қарор менамоям:**

1. Ҳайати **Кумитаи тадорук** (минбаъд – Кумитаи тадорук) оид ба омодагӣ ва баргузории ҷашни умумихалқии Наврӯз дар соли 2026 мутобиқи замима тасдиқ гардад.

2. Кумитаи тадорук (А.Арипов) **дар муҳлати як ҳафта**:

а) тибқи пешниҳоди Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Вазорати фарҳанг, Агентии корҳои ҷавонон, Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон, Иттиҳоди маҳаллаҳои Ўзбекистон ва Бунёди «Нуроний» Консепсияи таҳкими мазмуни ғоявии ҷашни умумихалқии Наврӯзро (минбаъд – Консепсия) тасдиқ намояд;

**(Давомаш дар саҳ.2).**

***Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият***

# МАҲАЛЛА – ОМИЛИ МУҲИМИ ҲИФЗИ СУБОТИ ИҶТИМОӢ

***Соли 2026 дар Ўзбекистон Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият эълон гардид. Ин ташаббус ба таҳкими ҷомеаҳои маҳаллӣ ва ҳамбастагии иҷтимоӣ нигаронда шуда, ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди ҷомеаи мо муайян гардидааст. Қарор дар доираи Муроҷиатномаи ҳамасолаи Сарвари давлат ба парламент эълон карда шуд.***

Сарвари давлат аҳамияти маҳалларо ҳамчун шакли анъанавии худидоракунии шаҳрвандон, ки дар он сокинон масъалаҳои иҷтимоӣ ва рӯзгориро якҷоя ҳал мекунанд ва ба ҳамдигар кумак мерасонанд, таъкид кард. Ба гуфтаи ӯ, маҳз ҳамин гуна кумаки мутақобила ба ҷомеа имкон медиҳад, ки дар замонҳои душвор устуворона мубориза барад ва суботи иҷтимоиро нигоҳ дорад.

Институти маҳалла дар сарзамини Ўзбекистон аз давраҳои бостон таҷрибаи беназир ва нотакрори миллӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун сохтори анъанавии худидоракунии ҷомеа вуҷуд дорад. Низоми худидоракунии шаҳрвандон дар Ўзбекистон бар асоси суннатҳои бисёрасраи ҳаёти ҷамъиятӣ ташаккул ёфтааст, вале дар ҷараёни рушди низоми идораи давлатӣ ва тақсими васеътарини салоҳиятҳо тағйироти ҷиддиро аз сар гузаронидааст. Дар раванди демократикунонии идораи давлатӣ яке аз вазифаҳои муҳим — марҳила ба марҳила ба созмонҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба чунин мақомоти нодири худидоракунӣ чун маҳалла, додани бархе аз вазифаҳо буд.

Таҷрибаи Ўзбекистони муосир самаранокии ин институти нодири фаъолияти мустақилонаи шаҳрвандонро дар ҳаллу фасли масъалаҳои маҳаллӣ, ки бо назардошти манфиатҳои мардум, хусусиятҳои таърихии рушд, арзишҳои миллӣ ва маънавӣ, урфу одат ва анъанаҳои маҳаллӣ сурат мегирад, исбот намуд. Адолати иҷтимоӣ, мустақилият дар ҳаллу фасли масъалаҳои маҳаллӣ, кумаки мутақобилаи ҷамъиятӣ, шарикии иҷтимоӣ, ба эътибор гирифтани анъанаҳо ва урфу одатҳои маҳаллӣ — инҳо принсипҳое мебошанд, ки дар асоси онҳо маҳалла дар раванди ислоҳоти демократии васеъ фаъолона иштирок менамояд.

Истифодаи иқтидори маҳалла ҳамчун омили муҳими ҳифзи суботи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ҳамчунин таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ натиҷаҳои мусбат дода истодааст. Ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳалла барои ҳаллу фасли масъалаҳои дастгирии иҷтимоии аҳолӣ, мусоидат ба рушди соҳибкории хурд, беҳбуди шароити зиндагӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ ҳуқуқҳои муайян ба даст овардаанд.

Худидоракунии шаҳрвандон фаъолияти мустақилонаи шаҳрвандон оид ба ҳаллу фасли масъалаҳои маҳаллӣ бар асоси манфиатҳо, хусусиятҳои таърихии рушд, арзишҳои миллӣ ва маънавӣ, урфу одат ва анъанаҳои маҳаллӣ мебошад, ки аз ҷониби Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон кафолат дода шудааст.

Имрӯз маҳалла ҳамчун пайванди миёни давлат ва мардум амал карда, иҷрои барномаҳои иҷтимоӣ, кумак ба ниёзмандон, назорати тартиботи ҷамъиятӣ ва ободонии ҳудудро таъмин мекунад.

Функсияҳои асосии маҳалла аз кумак ба ниёзмандон, дастгирии оилаҳо ва тарбияи ҷавонон, иштирок дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ободонии минтақа ва баргузор кардани чорабиниҳои фарҳангӣ иборатанд. Маҳалла дар рушди соҳибкорӣ дар маҳалҳо иштирок намуда, оилаҳои камбизоатро дастгирӣ месозад ва тавассути лоиҳаҳои ташаббускорона ва тиҷорати хурд ба таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАНОНУ ДУХТАРОН

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ҳамватанони азиз!

Имрӯз шумораи духтароне, ки дар муассисаҳои таълими олӣ таҳсил мекунанд, аз 904 ҳазор нафар афзуд, ки ин 54 фоизи ҳамаи донишҷӯёнро ташкил медиҳад.

Соли гузашта 60 нафар духтарони мо ба донишгоҳҳои бонуфузтарини ҷаҳон дохил шуданд, ки ин албатта боиси хушнудии ҳамаи мо мебошад.

Миёни стажёр-тадқиқотчиён ва докторантҳо 8,5 ҳазор нафар, яъне 61 фоизро занону духтарон ташкил медиҳанд, ки ин низ сазовори диққат аст.

Ҳамчунин дастовардҳои духтарони мо, ки дар анҷумани имрӯза иштирок мекунанд – Индира Сатниёзова аз ноҳияи Кегейли, Вазира Файзуллоева аз Бухоро ва Машҳура Қудратова аз Навоӣ – дар олимпиадаҳои байналмилалии фаннӣ ва ҳамчун сафири ширкати бонуфузи «Microsoft» дар Ӯзбекистон эътироф шудани Дилафрӯз Ҷӯрабоеваи бувайдагиро, ки ғолиби як қатор озмунҳои байналмилалии стартап аст, қайд кардан бамаврид мебошад.

Аз соли нави таҳсил шумораи квотаи грантҳои давлатиро барои бонувони оилаҳои ниёзманд ду баробар зиёд карда, ба 4 ҳазор хоҳем расонд.

Ҳамчунин маблағи шартномаи таҳсили донишҷӯ-духтароне, ки дар асоси таълими муштарак дар зинаи магистратураи донишгоҳҳои шомили ТОР-300 таҳсил мекунанд, аз ҷониби давлат пардохт мегардад.

Акнун ҳар сол бо мақсади дастгирии ғояҳои инноватсионии занону духтарон дастикам дар 10 самт озмунҳои стартап гузаронида мешаванд. Ба ғолиби ҳар як самти ин озмунҳо аз Фонди инноватсия то 500 миллион сӯм грант пешниҳод мегардад.

Таълими касбӣ барои духтароне, ки синфи 11-уми мактабҳоро хатм карда, ба техникумҳои давлатӣ дохил мешаванд, пурра дар асоси гранти давлатӣ сурат мегирад.

Фикр мекунам, ки ин ташаббусҳо барои занону духтарони мо дарҳои имкониятҳои навро боз менамоянд.

Дӯстони азиз!

Фароҳам овардани муҳити оштинопазир нисбат ба фишор ва зӯроварӣ алайҳи занон ва кӯдакон барои мо вазифаи стратегӣ мебошад. Ҳамин ҳафта боз як фармони муҳимро имзо кардам. Акнун бар зидди ҳама гуна ҳолатҳои зӯроварӣ ва фишор нисбат ба занон ва кӯдакон дар асоси низоми қатъӣ мубориза хоҳем бурд.

Мехоҳам боз ба як масъалаи муҳим таваққуф намоям. Имрӯз дар муассисаҳои адои ҷазо 2589 нафар бонувон муҳлати ҷазои худро адо мекунанд.

Ин занон, ки бо сабабҳои гуногун, дониста ё надониста ба ҷиноят даст задаанд, низ шаҳрвандони ҳамин кишваранд. Мо бояд дар бораи ба ҳаёти иҷтимоӣ баргардондан, ба аъзои комили ҷомеа табдил додани онҳо ҷиддан андеша кунем.

Аз ин занон, ки ҷазои худро адо мекунанд, 1239 нафар соҳиби маълумоти миёна ҳастанд, аммо на касб ва на ҳунар доранд. Аз онҳо 443 нафар хоҳиши таҳсил дар муассисаҳои таълими олиро изҳор кардаанд. Аз ин рӯ, барои мақсаднок кор пеш бурдан бо чунин занону духтарон барномаи «Ҳаёти нав»-ро оғоз менамоем.

Вазорати корҳои дохилӣ якҷо бо Агентии таҳсилоти касбӣ ва Вазорати коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва таъмини шуғл занонеро, ки муддати ҷазоро адо мекунанд, дар барномаҳои касбии 3-6-моҳа омӯзонида, ба онҳо сертификат медиҳад. Ҳамчунин, ба маҳкумҳо имконият фароҳам меорем, то дар ҳамон ҷо имтиҳон супорида, ба донишгоҳҳо дохил шаванд ва таҳсили фосилавиро идома диҳанд.

Ба онҳое, ки дар асоси шартнома ба хондан дохил мешаванд, бо шарти баргардонидан пас аз адои ҷазо ва ба кор ҷойгир шудан, қарзи бефоиз дода мешавад.

Модаркалонҳои муҳтарам, хоҳарони азиз!

Имрӯз Ӯзбекистони Нав ба марҳилаи нави рушди худ бо қадамҳои устувор ворид мешавад. Мо дар назди худ ҳадафҳои бузургеро гузоштаем, ки пеш аз ҳама барои бахти инсон, барои қадри инсон хидмат мекунанд. Зеро **хушбахтии инсон аз оила оғоз меёбад ва оила бо зан мустаҳкам аст**. Наслҳои оянда маҳз дар ҳамин макони муқаддас ба камол мерасанд. Бешубҳа, дар ин раванд тарбияи маънавии духтарони мо нақши ҳалкунанда дорад.

Фазилатҳои муқаддас, чун меҳру оқибат, ору номус ва андеша, ба дили духтарони мо тавассути насиҳат ва пандҳои бибиҷонҳои мо роҳ меёбанд. Духтароне, ки дар чунин муҳити хонаводагӣ тарбия ёфтаанд, бо рафтору кирдор, одобу ахлоқ ва муносибати худ ба зиндагӣ барои ҳамсолони худ намуна шудаанд. Дар шароити имрӯз ниёз ба чунин мактаби тарбия беш аз ҳар вақти дигар муҳимтар гардидааст.

Дар ин маврид мехоҳам ба ҳамаи модаркалонҳо, ки ҳатто дар лаҳзаҳои душвортарини санҷиш сар хам накарда, тамоми умри худро барои оила ва фарзандони худ бахшидаанд, муроҷиат намоям.

Мо соли 2026-ро беҳуда **«Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият»** эълон накардаем. Ҳамаи мо мебинем, ки вазъ дар ҷаҳон то ҷӣ андоза пурхатар шуда истодааст.

Дар чунин давраи мураккаб мо боз ҳам амиқтар эҳсос мекунем, ки сулҳу оромӣ дар кишвар неъмати бузурги Худованд аст. Ҳифзи он бошад, вазифаи муқаддаси ҳар яки мост.

Бовар дорам, ки дар чунин шароит бибиҳои дуогӯ ва модарони мӯҳтарами мо дар оилаҳо бобати қадр намудани ин неъмат, ҳифз кардани он ва дар дили фарзандону наберагон бедор кардани ҳисси шукргузорӣ намунаи ибрат мешаванд.

Муҳтарам иштирокдорони анҷуман!

Барои инсон дидани самараи меҳнати худ ва ба эътирофу эътибор сазовор гардидан бахти бузург аст.

Дар арафаи ин ҷашни муборак фармонро дар бораи бо унвон, орден ва медалҳои олии давлатӣ сарфароз гардондани як гурӯҳ заноне, ки дар рушди кишвар саҳми арзанда мегузоранд, имзо кардам. Инчунин, тибқи анъана боз 28 нафар духтарони мо, ки дар таҳсил, эҷод, илму фан, варзиш ва корҳои ҷамъиятӣ фаъоланд, ба Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия сазовор гардиданд.

Аз номи тамоми халқамон соҳибони ин мукофотҳоро бори дигар табрик менамоям.

Хоҳарони муҳтарам!

Солҳои охир бо Шумо, азизон, тамоми халқамон корҳои бузургеро анҷом додем, ки пештар дар таърих рух надода буданд.

Бо меҳнати ҳалолу пурмашаққат ба эътироф ва эҳтироми тамоми ҷаҳон сазовор шуда истодаем. Муҳимтар аз ҳама, дар ҳар як соҳа ва бахш мактаби Ӯзбекистони Нав ташаккул меёбад.

**Барои мо, дар ин замони бисёр душвор ва мураккаб баҳри расидан ба ҳадафҳои бузурге, ки дар назди худ гузоштаем, муттаҳид будан ва дар ҳамҷиҳатӣ меҳнат кардан аз ҳарвақта муҳимтар аст.**

**Ба як мамлакати бонувонаш аз ҳаёти худ ризоманд ва хушбахту саодатманд табдил додани Ӯзбекистони Нав, орзуи бузургтарини ман мебошад.**

Боварии комил дорам, ки бо чун шумо бонувони фидокор, фаъол ва меҳнатдӯст, бо тамоми халқи кишвар мо албатта ба ин мақсадҳои неки худ мерасем.

Дар анҷоми суханам ҳамаи занону духтарони Ӯзбекистонро бори дигар бо фарорасии иди нафосат ва ҷашни зебоӣ аз самими дил табрик менамоям.

Барои ҳамаи шумо сиҳатмандӣ, ба хонадонҳоятон оромию осоиш ва бахту саодати оилавӣ орзу менамоям.

Идатон муборак бошад!

# БА КИШВАРЕ, КИ ДАР ОН ЗАНОН ХУШБАХТОНА ВА ДАР ФАРОВОНӢ ЗИНДАГӢ МЕКУНАНД, ТАБДИЛ ДОДАНИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ – МАҚСАДИ ОЛӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Агар гӯем, ки Шумо соҳибкор, олим, омӯзгор, шифокор, муҳандис, арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ, бо як сухан, фариштаҳои хонадонҳои мо, такягоҳи оила ва ҷомеа ҳастед, ин айни ҳақиқат хоҳад буд, — таъкид намуд Президент.

Қайд гардид, ки дар кишвар низоми тамоман нави таъмини ҳуқуқу манфиатҳои занон ва баланд бардоштани нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеа ба роҳ монда шудааст. Дар қонунҳо ва қарорҳои қабулшаванда ба масъалаҳои баробарии гендерӣ диққати махсус дода мешавад. Минбаъд ягон қонун бе арзёбии таъсири он ба ҳуқуқ ва манфиатҳои занон қабул намегардад.

Дар натиҷаи чунин сиёсати давлатӣ табақаи занони соҳибкори фаъол ташаккул ёфтааст, ки имрӯз шумораи онҳо қариб ба 230 ҳазор нафар расидааст. Дар соҳаи кишоварзӣ зиёда аз 12 ҳазор занони фермер фаъолият доранд, беш аз 6 ҳазор занони олим ба корҳои илмӣ машғуланд.

Духтарони мо дар мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ шарафи Ватанро сазовор ҳимоя мекунанд. Аз ҷумла, соли гузашта онҳо дар майдонҳои ҷаҳонии варзиш 167 медали тилло, 193 нуқра ва 243 биринҷӣ ба даст оварданд.

Ин тағйироти мусбат дар ҳаёти занони мо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ низ эътироф мегардад. Хусусан, дар рейтинги «Занон дар парлумон»-и Иттиҳодияи байнипарлумонӣ Ӯзбекистон дар ҷои 36-ум қарор гирифт ва 92 зина боло рафт. Дар Индекси баробарии гендерӣ ва идоракунӣ, кишвар аз ҷои 103-юм ба ҷои 52-юм боло рафт. Ва дар гузориши «Занон, тиҷорат ва қонун»-и Бонки ҷаҳонӣ, он мавқеи худро 43 зина беҳтар карда, дар ҷои 48-ум қарор гирифт.

Сарвари давлат ба заноне, ки дар соҳаҳои гуногун кор карда, бо меҳнат, истеъдод ва неруи зеҳнии худ дар бунёди Ӯзбекистони Нав саҳми арзанда мегузоранд, инчунин ба духтароне, ки дар арсаҳои байналмилалӣ шарафи Ватанро баланд мебардоранд ва ба падару модарон, устодон ва мураббиёни онҳо изҳори миннатдории самимӣ намуд.

Ба масъалаҳои таъмини шуғли занон ва ҷалби онҳо ба соҳибкорӣ диққати махсус дода шуд. Соли гузашта барои ин мақсадҳо 23,5 триллион сӯм қарз ҷудо гардид ва дар натиҷа зиёда аз 425 ҳазор зан бо соҳибкорӣ машғул шуданд.

Барномаҳои васеи баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии занон имсол низ амалӣ мегарданд. Аз ҷумла, 166 ҳазор зан ба касбу ҳунарҳои муосир ва соҳибкорӣ, боз 100 ҳазор зан ба технологияҳои иттилоотӣ омӯзонида мешаванд.

Ҳамчунин барномаи «Даромадли аёл» («Даромад барои занон») оғоз мегардад, ки боиси шуғли 50 ҳазор зан дар соҳаҳои хонакорӣ, ҳунармандӣ, паррандапарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва хоҷагии наздиҳавлигӣ хоҳад шуд.

Дар доираи барномаи «Ҳамроҳ» барои татбиқи 3 ҳазор лоиҳаи занон ба миқдори 1 триллион сӯм маблағ ҷудо карда мешавад.

Умуман, дар соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, ки 1,5 миллион зан соҳиби даромад гарданд ва 400 ҳазор нафари онҳо ба соҳибкорӣ ҷалб карда шаванд. Барои ин зиёда аз 25 триллион сӯм равона мегардад.

Президент ҳамчунин ба имкониятҳое, ки дар кишвари мо барои таҳсили духтарон фароҳам оварда шудаанд, таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар зиёда аз 904 ҳазор духтар таҳсил мекунанд, ки 54 фоизи шумораи умумии донишҷӯёнро ташкил медиҳад. Қайд гардид, ки 61 фоизи муҳаққиқони докторант ва таҳқиқотчиёни ҷавонро низ занон ташкил медиҳанд.

Аз соли таҳсили нав шумораи квотаҳои гранти давлатии таҳсил барои духтарони оилаҳои ниёзманд ду баробар зиёд шуда, ба 4 ҳазор мерасад. Илова бар ин, давлат маблағи шартномаи таҳсили духтаронеро, ки дар магистратура аз рӯйи барномаҳои муштараки таълимӣ бо донишгоҳҳои пешрафтаи ҷаҳон таҳсил мекунанд, пардохт хоҳад кард.

Барои дастгирии ғояҳои инноватсионии занон ҳар сол аз рӯйи ҳадди ақал 10 самт озмунҳои стартап баргузор карда мешаванд. Ба ҳар як ғолиб аз Фонди инноватсионӣ то 500 миллион сӯм грант ҷудо мегардад.

Дар чорабинӣ таъкид гардид, ки мубориза бар зидди зӯроварӣ ва фишор нисбат ба занон ва кӯдакон яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ мебошад.

Ба наздикӣ аз ҷониби Президент фармони нав дар бораи ҳифзи занон ва кӯдакон аз ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ ба имзо расид. Акнун мубориза бо тамоми намудҳои зӯроварӣ ва таъқиб нисбат ба занон ва кӯдакон дар асоси низоми қатъӣ роҳандозӣ мегардад.

Ҳамчунин татбиқи барномаи «Янги ҳаёт» («Ҳаёти нав») барои мутобиқсозии заноне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ муҳлати ҷазоро адо мекунанд, ба ҷомеа ба нақша гирифта шудааст. Онҳо метавонанд дар доираи барномаҳои 3-6 моҳа касб омӯзанд ва инчунин ба донишгоҳҳо дохил шуда, таҳсилро ба таври фосилавӣ идома диҳанд.

– Мо дар назди худ ҳадафҳои бузургеро гузоштаем, ки пеш аз ҳама барои бахти инсон, барои қадри инсон хидмат мекунанд. Зеро хушбахтии инсон аз оила оғоз меёбад ва оила бо зан мустаҳкам аст. Наслҳои оянда маҳз дар ҳамин макони муқаддас ба камол мерасанд. Бешубҳа, дар ин раванд тарбияи маънавии духтарони мо нақши ҳалкунанда дорад, – гуфт Сарвари давлат.

Дар шароите, ки вазъият дар ҷаҳон рӯз ба рӯз муташанниҷтар мегардад, арзиши сулҳу оромӣ дар кишвари мо боз ҳам равшантар эҳсос мешавад. Изҳори итминон карда шуд, ки модарону бибиҳои ғамхор, ки ҳамеша барои корҳои нек дуо медиҳанд, барои ҳама намунаи ҳифзи сулҳу субот ва тарбияи фарзандону наберагон дар рӯҳияи қадршиносӣ аз ин неъмати бузург хоҳанд буд.

Дар чорабинӣ ба гурӯҳи заноне, ки дар рушди кишвари мо саҳми арзанда мегузоранд, мукофотҳои олии давлатӣ бо тантана супурда шуданд. Ҳамчунин 28 духтари боистеъдод, ки дар илм, маориф, фарҳанг ва худро фаъолона нишон додаанд, соҳиби Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия гардиданд.

– Ба як мамлакати бонувонаш аз ҳаёти худ ризоманд ва хушбахту саодатманд табдил додани Ӯзбекистони Нав, орзуи бузургтарини ман мебошад.

Боварии комил дорам, ки бо чун шумо бонувони фидокор, фаъол ва меҳнатдӯст, бо тамоми халқи кишвар мо албатта ба ин мақсадҳои неки худ мерасем, – таъкид намуд Сарвари давлат.

Дар доираи чорабинии идона дар Қасри форумҳои байналмилалии «Ӯзбекистон» консерти бошукӯҳи идона баргузор гардид.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**хабарнигори УзА.**

*Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

# ДАР БОРАИ ОМОДАГӢ ВА БАРГУЗОРИИ ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРӮЗ ДАР СОЛИ 2026

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

б) дар шаҳри Тошканд, марказҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо, ҳамаи шаҳрҳо ва ноҳияҳо, деҳаҳо ва маҳаллаҳо барномаи чорабиниҳои ташкилӣ-амалӣ, фарҳангӣ-маънавӣ ва тарғиботиро, ки ғояи неки **«Бузургдошти Наврӯз бузургдошти инсон аст!»**-ро таҷассум мекунад, тасдиқ намуда, иҷрои онро таъмин намояд.

3. Бо мақсади дар маҳалҳо дар сатҳи баланд баргузор намудани тамоми чорабиниҳои бахшида ба ҷашни умумихалқии Наврӯз мутобиқи самтҳои асосӣ ва тавсияҳое, ки дар Консепсия баён мегарданд, инчунин барои таъмини иштироки фаъоли ҳамватанон дар онҳо, ба масъалаҳои зерин диққати махсус дода шавад:

а) баргузор намудани чорабиниҳои идона бо мазмуну шакли муассир, ки бедории олами ҳастӣ, ҳамоҳангии байни инсону табиат, меҳру таваҷҷуҳ ба модар-заминро ифода намуда, ҳамватанони моро ба қадрсозии зиндагии орому осудаи имрӯза, истифодаи оқилонаи захираҳои обу замин ва зиндагӣ бо эҳсоси шукргузорӣ водор намоянд;

б) тарғиби ислоҳоти амиқи демократие, ки дар мамлакат амалӣ мешаванд, тағйироти мусбате, ки дар ҳаёти рӯзмарра, шуур ва ҷаҳонбинии мардум ба амал меоянд, инчунин фазилатҳои ҳамдилӣ ва ҳамбастагӣ, ки махсусан дар рӯзҳои Наврӯз бараъло намоён мегарданд;

в) бо назардошти дар ҳамоҳангӣ бо иди муборакаи Рамазон таҷлил гардидани ҷашни имсолаи Наврӯз ва ба таҳкими тамоюлҳои инсондӯстонаи он мусоидат намудани он, гиромидошти ҳамаҷонибаи намояндагони насли пиронсол, бахусус, иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон ва собиқадорони фронти меҳнат, инчунин хабар гирифтан аз аҳволи истиқоматкунандагони хонаҳои «Меҳрибонлик», «Саховат» ва «Мурувват», инсонҳое, ки дар дафтарҳои ҳифзи иҷтимоӣ сабти ном шудаанд ва ба кумак ниёз доранд, ташкили дасторхонҳои идона барои онҳо ва гузаронидани чорабиниҳои хайрия бо иштироки фаъолони маҳалла, намояндагони ҷавонон ва занону духтарон;

г) иҷрои чорабиниҳое, ки дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» муайян гардидаанд, дар арафаи ҷашн дар тамоми минтақаҳо, кӯча ва майдонҳо, маҳалла, ноҳия ва шаҳрҳо гузаронидани корҳои ободонӣ ва кабудизоркунӣ, ташкили маъракаҳои **«Ман ҳам ниҳол мешинонам»** ва ҳашарҳои умумихалқӣ.

д) намоиши васеи урфу одатҳои миллӣ, анъана ва арзишҳои намояндагони миллат ва халқиятҳои гуногуне, ки дар кишвар зиндагӣ мекунанд, бо мақсади таҳкими фазои дӯстии байни миллатҳо ва ҳамдигарфаҳмӣ, ки дар ҷомеаи мо ҳукм меронад;

ж) дар ҷараёни чорабиниҳои идона ташкил намудани намоишгоҳҳои маҳсулоти ҳунармандон, мусобиқаҳо аз рӯйи намудҳои миллии варзиш, намоишҳои китоб, ярмаркаҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ бо нархҳои арзон, нуқтаҳои сайёри савдо, инчунин омода намудани таомҳои баҳорӣ дар ярмаркаҳо ва гузаронидани озмунҳои гуногун;

з) инъикоси васеи таърихи ҷашни Наврӯз, инчунин урфу одат ва анъанаҳои вобаста ба баргузории он дар ҳар як минтақа, дар ҷараёни тантанаҳои идона дар тамоми шаҳрҳо ва деҳот, воситаҳои ахбори омма.

и) дар маҷмааи «Янги Ӯзбекистон» дар шаҳри Тошканд ташкил намудани сайру гашти оммавии идона тибқи барномаи алоҳида.

4. Вазорати фарҳанг (О.Назарбеков) якҷо бо Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ (О.Ҳасанов), Иттифоқи нависандагон (С.Саидов) **дар муҳлати як ҳафта** муфовиқи Консепсия барнома ва сенарияи намоишҳои асосии театрикунонидашудаи консертиро, ки дар шаҳри Тошканд ба муносибати ҷашни Наврӯз гузаронида мешаванд, таҳия намояд;

5. Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд:

а) **дар муҳлати як ҳафта** бо назардошти нуктаҳои зерин барномаи чорабиниҳои минтақавиро аз рӯйи гузаронидани сайрҳои умумихалқии Наврӯз таҳия ва тасдиқ намоянд:

i) ороиши идонаи майдонҳои асосӣ, кӯча ва хиёбонҳо, ки сайрҳои умумихалқӣ ташкил мегарданд;

ii) андешидани чораҳо ҷиҳати дар сатҳи баланди бадеӣ тайёр кардани сайр ва тамошоҳои мазкур якҷо бо сенариянависон ва режиссёрҳои пуртаҷрибаи маҳаллӣ, композиторону бастакорон, балетмейстерҳо, рассомони саҳна, иҷрокунандагони ҷавони боистеъдод ва намояндагони санъати фолклор;

iii) дар доираи чорабиниҳои идона гузаронидани бозиҳои мардумӣ, намоишнома ва намоишгоҳҳои хоси ҳар як минтақа ва ташкили ошхонаҳои кушоди фурӯши таомҳои баҳорӣ;

б) ҳангоми омода кардани барномаҳои идона ва тамошоҳои оммавӣ, оро додани кӯча, майдон ва хиёбонҳо гурӯҳҳои эҷодӣ иборат аз мутахассисони ботаҷриба васеъ ҷалб карда шаванд;

в) гузаронидани тамоми чорабиниҳо бо риояи қатъӣ ба талаботи бехатарии ҷамъиятӣ таъмин гардад.

6. Муқаррар карда шавад, ки хароҷоти гузаронидани чорабиниҳои идона:

а) **дар шаҳри Тошканд** – аз ҳисоби маблағи буҷаи ҷумҳуриявӣ ва буҷаи маҳаллии шаҳри Тошканд дар ҳиссаи баробар;

б) **дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо** – аз ҳисоби маблағи дахлдори буҷаҳои маҳаллӣ ва хайрияҳои ҳомиён сарпӯш карда мешаванд.

7. Ба Агентии миллии иттилоотии Ӯзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии иттилоотии «Дунё» ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ тавсия дода шавад, ки рафти корҳои омодагӣ ва гузаронидани ҷашни умумихалқии Наврӯзро ҳамаҷониба инъикос намоянд.

8. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Н.Арипов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*6 марти соли 2026.*

# МАҲАЛЛА – ОМИЛИ МУҲИМИ ҲИФЗИ СУБОТИ ИҶТИМОӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Маҳалла дар тарбияи насли наврас фаъолона иштирок мекунад, чорабиниҳои фарҳангӣ-маърифатӣ, тӯйҳо, идҳо ва маросимҳои динӣ ташкил менамояд. Ин ҳама эҳтиром ба калонсолон, масъулият нисбат ба оила ва ҷомеаро тақвият медиҳад. Дар марказҳои маҳалла китобхона бо фонди ғании китобҳо, компутерҳо, дастрасӣ ба интернет ва адабиёти электронӣ мавҷуд аст, ки дар ташкили фароғати пурмазмуни аҳолӣ ва баланд бардоштани фарҳанги китобхонии ҷавонон аҳамияти калон дорад.

Шӯроҳои ҷамъиятии «Оила — маҳалла — муассисаҳои таълимӣ» ва «Донишгоҳҳои волидайн» бо риояи шиори «Фарзанди мо — мо онҳоро ҳифз мекунем!», ба омӯзгорон дар таълиму тарбияи кӯдакон кумак карда, нақши волидонро дар равандҳои ташаккули шахсияти фарзандон боло мебардоранд ва кӯшишҳои мактабҳо ва оилаҳоро барои пешгирии одатҳои зараровар дар мактаббачагон муттаҳид мекунанд. Волидон, мутахассисони соҳаи тандурустӣ ва маориф масъалаҳои ҷавонон, нигарониҳои ҷавонон ва оилаҳои ҷавонро мунтазам баррасӣ мекунанд ва роҳҳои ҳалли муштараки онҳоро муайян месозанд.

Солҳои охир қонунҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон — «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрвандон» дар таҳрири нав ва «Дар бораи интихоботи раиси ҷамоати шаҳрвандон», инчунин ҳуҷҷатҳои марбут ба фаъолияти маҳалла ва сохторҳои ҷамъиятии он қабул ва ба ҳаёти ҷамъиятӣ ворид карда шуданд. Имрӯз тақрибан 10 ҳазор ҷамоати шаҳрвандон, ки дар кишвар фаъолият доранд, бештари вазифаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии муҳимро, ки қаблан аз ҷониби ҳокимиятҳои маҳаллӣ иҷро мешуданд, бомуваффақият ба уҳда доранд.

Дар моҳи июли соли 2017 нишони махсуси «Маҳалла ифтихори» таъсис ёфт, ки ба шаҳрвандони ташаббускор ва намояндагони сохторҳои ҷамъиятие, ки барои иҷрои вазифаҳои ба мақомоти худидоракунии шаҳрвандон вогузоршуда саҳми арзанда гузоштаанд, супурда мешавад. Давраи ваколати раисони маҳалла аз се сол ба панҷ сол дароз карда шуд. Илова бар ин, вазифаҳои зиёдатие, ки ба фаъолияти ҷамоатҳои шаҳрвандон мувофиқ набуданд, бекор карда шуданд, музди меҳнати моҳонаи кормандон чанд маротиба зиёд шуд ва 22 март Рӯзи кормандони низоми маҳалла эълон гардид.

«Ҳафтгонаи маҳалла» — механизми ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи маҳалла буда, аз раиси маҳалла, ёвари ҳоким, пешвои ҷавонон, фаъоли бонувон, нозири профилактикӣ, корманди иҷтимоӣ ва нозири андоз иборат аст. Дар ташкили кор бо заноне, ки ба «Дафтари занон» шомил шудаанд, ба масъалаҳои шуғл, худмаблағгузорӣ, ҷалби онҳо ба соҳибкорӣ, пардохти ҷуброни иҷораи манзил, расонидани ёрии моддӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ ва равонӣ таваҷҷуҳи асосӣ дода мешавад.

Дар Конститутсияи навшуда зикр шудааст, ки ҷамоатҳои шаҳрвандон дар маҳаллаҳо ба низоми ҳокимияти давлатӣ дохил намешаванд ва масъалаҳои маҳаллиро мустақилона ҳал мекунанд. Трансформатсияи васеи низоми худидоракунӣ, ки дар солҳои охир пайгирона амалӣ мегардад, маҳз ба татбиқи ҳамин меъёрҳои конститутсионӣ равона шудааст. Ҳадаф аз он табдил додани маҳалла аз сохтори расмӣ ба иштирокчии фаъоли ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад.

Тавре ки дар Муроҷиатнома зикр шудааст, маҳалла пояи ваҳдат ва рушд аст ва ташаббусҳое, ки барои тақвияти захиравӣ ва дигаргунсозии ҳамаҷонибаи он пешниҳод шудаанд, барномаи мушаххаси амал барои давлат ва ҷомеа дар соли 2026 ва солҳои оянда ба шумор меравад. Ин ислоҳотҳо ба табдили маҳалла аз як институти суннатии худидоракунӣ ба пояи воқеии шукуфоии иқтисодии Ӯзбекистони Нав равона шудаанд.

**Омонулло**
**МУҲАММАДҶОНОВ,**
**профессори**
**Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқшиносии Тошканд**



# март – Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон



## ТУ БЕҲАМТОӢ МОДАР...

*Зи ҳарфат дар ҷаҳон хуш гавҳаре нест,*
*Чу қалбат боз, ай модар, даре нест.*
*Чи бисёранд модарҳои мушфиқ,*
*Вале мушфиқтар аз ту модаре нест.*

**Абдулло СУБҲОН.**

Солҳои донишҷӯйӣ буд. Рӯзе як муҳаққиқ гуфт: «Ба пиндори ман нафаре асари бузурге дар бораи модар ва дар пояи модар эҷод накардааст. Ҳар он чӣ навиштанд, худ ҳам аз он қонеъ набуданд, чун аз ҳазор якеро аз меҳри модар, хидмати модар арза надоштанд. Ва аҷзи худро дар ин ҳол бештар дарёфтаанд».

Ман низ мақсад гузоштам, ки чизе бинависам, дар бораи модар, агарчӣ ҳеч арзише пайдо накунад, агарчӣ он шукӯҳ, обрӯ, матонат, меҳр, шафқат, зебоӣ, дилрабоии ӯро зоҳир насозад.

Модари пире дар гармои тобистон аз сари роҳ ба духтараш, ки дар пахтазор кор мекард, фарёд мезанад: «Биё, ҷон духтарам, худро барои кор насӯзон!». «Меоям» мегуфт духтар, аммо намеомад. Баъд модар фарзанди ӯро дар сари роҳ мегузорад ва боз бо овози шунаво мегӯяд:

«Мебинӣ, фарзандат дар зери офтоби сӯзон аст! То ту наоӣ, ӯро аз ин ҷо намебарам». Дигар зориҳои духтари ҷавон ба гӯши модари пираш намерасид. Ва модар пас аз он ки ӯ ба хотири фарзандаш омад, мегӯяд: «Дидӣ, духтарам, фарзанд барои модар чӣ қадар азиз аст?! Охир ман ҳам барои ту месӯзам. Ту ҳам барои ман азизӣ».

Марде, ки маълули ҷанг буд, мегуфт: «Шумо хушбахтед, ки медонед гӯри модаратон дар куҷост. Ман намедонам! Агар медонистам, ба зиёраташ мерафтам. Аз ин рӯ, худро бадбахт меҳисобам». Дар ҷавоби ӯ марде изҳор медошт: «Худро бадбахт машмор, барояш аз хона ҳам дуо бифирист, рӯҳаш шод мегардад. Аммо биандеш, тасаввур намо, ҳоли модаронеро, ки фарзандонашон аз ҷанг барнагаштанд ва намедонистанд гӯри онҳо дар куҷост, чӣ гуна?»

Ба хотир овардам, ки падари омӯзгорам зуд-зуд ба зиёрати гӯри модараш мерафту маро ҳамроҳ мегирифт, то бароям дарс бошад, дарси ибрат. Ашкҳои шашқатори ӯро медидаму дар тааҷҷуб меафтодам. Баъд дар бораи модараш мегуфт, ки донотарин, маҳбубтарин, меҳрубонтарин модари рӯйи олам модари ӯст. Чашмони падарам ҳамеша пур аз ғам буд ва овозаш низ: намедонам барои модари худ ё додари аз даст додааш. Қуръонро, бо овоз мехонду маро ҳам мегирёнд.

Дар ин рӯзи бонувон бо дуову ёди нек рӯҳи ӯро шод менамоем. Чунонки шоири шинохтаи тоҷик Паймон фармудааст:

*Нагӯям ҷуз дуъои ту, нагӯям модари ҷонам,*
*Напӯям ғайри ройи ту, напӯям модари ҷонам.*
*Дарахти умрам арчи гашта ҳолӣ пиру*
*баргафшон,*
*Ҳанӯз орои дастони ту ҷӯям, модари ҷонам.*

**Собир ЭРГАШЕВ,**
**омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Фориш.**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

**Дар хурдсолӣ бо Умеда ҳодисаи нохуше рух дод, киояндаи ӯро зери суол бурд. Он замон касе бовар намекард, ки ӯ дар оянда донишҷӯ, ҳунарманд ва варзишгари хубе мешавад. Бо вуҷуди маъюбӣ, иродаи қавӣ, дастгирии пайвастаи оила ва талошҳои шахсӣ Умедаро ба муваффақият расонданд. Имрӯз маҳсули дастони ӯ дар вилоят маъруф буда, худаш ғолиби озмуну мусобиқаҳои гуногун аст.**

## УМЕДАИ ҲУНАРМАНД ВА ВАРЗИШГАР



Умеда Маҳмудова дар маҳаллаи Дукчиёни шаҳри Самарқанд зиндагӣ мекунад. Баъди ҷароҳати ҷиддӣ бардоштан падару модар ва наздиконаш барои сиҳатшавиаш кӯшиш намуданд, мутаассифона, саъю ҳаракатҳо фоида накарданд.

Аҳли оила нагузоштанд, ки рӯҳафтода шавад. Онҳо дар дили духтарак нахли умеду боввариро парвариш карданд.

Соли пандемияи ковид буд. Карантин, хомӯшии кӯчаҳо ва боғу майдонҳо зиндагии миллионҳоро дигаргун кард. Умеда ҳам мисли дигарон вақти худро дар хона мегузаронд. Рӯзе, ҳангоми тамошои шабакаи иҷтимоӣ лавҳаеро оид ба бофтани зочаҳои нарм тамошо кард. Ҳамин як видеои кӯтоҳ сарнавишти ӯро куллан тағйир дод.

Ба омӯзиши ин ҳунар пардохт. Аввал бофтан душвор менамуд, аммо бо машқҳои пайваста зочаҳои зебо падид омадан гирифтанд. Маҳсули дастонашро ба саҳифаи телеграмии хешу таборон ирсол мекард. Зочаҳои нарми ӯ ба чандин нафар писанд омаданд ва онҳоро барои фарзанду набераҳояшон хариданд.

Ҳамин тариқ, дар дили Умеда андешаи соҳибкор шудан пайдо шуд.

Савдои он солҳо асосан онлайн баргузор мегардид. Ӯ зочаҳои тайёркардаашро ба гурӯҳи телеграмии маҳалла гузошт. Занону духтарони фаъол омада, бо ӯ ҳамсуҳбат шуда, пешниҳод намуданд, ки ба узви Иттиҳоди ҳунармандон дохил шавад. Баъди узвият, Умеда дар намоишгоҳу озмунҳои гуногун иштирок кард ва соҳиби ҷойҳои намунавӣ гардид.

Боре раиси Иттиҳоди ногироёни вилоят Дилмурод Пардаев бо ӯ суҳбат карда, ваъда дод, ки барои ба мардум расондани маҳсули дастонаш кумак мерасонад. Аз он замон ҳунари ӯ дар миқёси вилоят низ маълуму машҳур гардид.

Умеда соли 2025 ба факултаи дизайни Донишгоҳи давлатии меъморӣ ва лоиҳакашии Самарқанд дохил шуд. Баробари таҳсил дар Маркази ҳимояи иҷтимоӣ ба духтарони имконияташон маҳдуд асрори ҳунар меомӯзонд.

Рӯзе аз Ассотсиатсияи варзиш оид ба тирпарронӣ занг зада, ӯро ба шуғл бинобар ин намуди варзиш даъват карданд. Розӣ шуд. Пас аз шиносоӣ бо шароит машқҳоро оғоз намуд. Бо гузашти вақт таҷриба андӯхта, дар мусобиқаҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ ҷойҳои ифтихориро соҳиб гардид.

«Агар дар худи кас хоҳишу саъю ҳаракат бошад, ба ҳамаи орзуҳояш мерасад», – мегӯяд ӯ.

Умеда дар мактаби миёнаи рақами 8-уми шаҳри Самарқанд таҳсил гирифтааст. Вай бо миннатдорӣ таъкид мекунад, ки алҳол аз ҷониби давлат нисбати шахсони имкониятҳояшон маҳдуд шароити хуб фароҳам оварда шудааст. Умеда Маҳмудова бахусус, аз ғамхории сарвари давлатамон бобати дастгирии ҳунармандон ва варзишгарони ногиро сипосгузор аст.

**Дилафрӯз ОБЛОҚУЛОВА.**

# Ҷаҳони зан

*Санҷиши қалам*

## САБРИ ЯК МОДАР

### ё худ қиссае аз ҳаёти зани танҳо

Тирамоҳ. Ҳаво андак сард буд. Нурҳои заррини офтоб ба ҷисми инсон рӯҳи тоза мебахшид. Модар дар паси миз нишаста чой менӯшид. Чашм аз тиреза наканда, ба фикр фурӯ рафт ва дар ҳамин лаҳза фарзандонаш як-як аз пеши назараш гузаштанд. «Худоро шукр» гуфт зери лаб ва нафаси сабуке кашид. Ба гирду атроф нигоҳ кард, касе набуд. Аҳли хонавода ҳама аз пайи кору бори худ рафта буданд. Баногоҳ, ҳамон шаби машъуми фаромӯшнопазир, ки 34 сол қабл рӯй дода буд, фикру хаёлҳои модарро парешон кард...

Моҳи феврал. Осмонро абрҳои сиёҳ фаро гирифта. Шаби сарди зимистонро гоҳ-гоҳ раъду барқ равшан менамуд. Дар хонае, ки чароғ хира месӯхт, модар парешонхотир фарзандонашро оббозӣ медаровард, то онҳоро саҳар ба аёдати падарашон, ки як ҳафта боз дар бемористони ноҳия бистарӣ буд, барад.

Пас аз анҷоми кор, хонаро ба тартиб меовард, ки чанд нафар аз хешовандон омаданд. Модар дасту по хӯрд. Аз ташрифи ғайричашмдошти ёру дӯстон ва нигоҳҳои ғамгину музтарибҳоли онҳо ҳайрон буд. Дар ин лаҳза аз берун нолаву фарёди чанди дигар ба гӯш расид. Модар худро аз байни хаёл раҳо карда, ба берун шитофт. Дилаш нохушиеро пай бурд. Гиря гулӯгираш кард. Фикрҳояш парешон буданд.

Борон чун сел меборид. Гӯё осмон низ ашк мерехту дилу ҷигарро об мекард. Доду фиғон торафт баландтар мешуд ва ҳама бо чашми пурашк ба фарзандони кӯчак ва модари ҷавон менигаристанд. Торафт шумораи одамон меафзуд ва пас аз чанде овози мошине ҳамаро андаке ба худ овард. Вақте ки ҷасади беҷони падарро аз мошин фароварданд, садои гиряву нола дубора ба само печид. Аммо... Модар гиря намекард. Гӯё дидагонаш ях баста буданд. Бо нигоҳҳои рамздоре гоҳ ба фарзандон, гоҳ ба ҷисми беҷони шавҳар менигарист. Бовар намекард, ки такягоҳи хонадон, соябони сараш аз олам гузаштааст, онҳоро ба як умр тарк кардааст. «Чаро? Барои чӣ? Наход...» ба худ суол мекард ӯ. Чунки чунин пешомадаро ба гӯшаи хотир наоварда буд. Ҳатто тасаввур намекард. Аммо марг ҳақ буду зиндагӣ идома меёфт...

Пас аз гузаронидани маъракаҳои падар, зиндагии сахту ҷонкоҳ, сангину пурғам барои модар оғоз гашт. Танҳо дар бораиояндаи панҷ фарзанди норасидааш, ки калонӣ 16-солаву хурдӣ 2-сола, фикр мекард. Барояш дигар оламе вуҷуд надошт. Зеро ҳамон солҳо рӯзгор бисёр душвор буду ӯро ёвару мададкоре набуд.

Танҳо ӯ Худо доштубас...

Парвардигори меҳрубон ба имдодаш расид. Модари мушфиқ фарзандонашро бо сахтиҳо, мушкилу азобҳо ба воя расонд. Модари дилсӯз ба тақдири носозгор ва пурдарди ғамбор сабр намуд, ба вазниниҳои ҳаёт таслим нашуд ва дилбандони худро чун гавҳараки чашм эҳтиёт карда, ба онҳо ғамхорӣ намуд...

Модар буду ДУО дошт. Дуояш бо Худо буд. Дуояш буд, ки навниҳолонаш дарахт гаштанд, кабӯтаронаш лона бастанд. Тамоми ҳастӣ, ҷавонӣ, ҳусну тароват, орзуву омолашро ба ҷигарбандонаш бахшид. Ӯро Худо мададгор буд ва чун фариштаи хонадон дуогӯи фарзандон гардид. Дар партави дуои модар фарзандон калон шуданд, соҳиби хонаву ҷой гаштанд ва ҳама дар ҷомеа мавқеъ пайдо карданд.

Худоё, тамоми модарони дунёро нигаҳ дор, ба фариштаҳои рӯйи олам умр ато кун!

**Дилноза РАҲМАТОВА.**

***Роҳбари давлат дар яке аз паёмҳои худ ба модарону бонувон чунин гуфта буд: «Мо ҳамеша ба неруи созандаи занони фарзонаву оқила такя менамоем. Онҳо дар баробари ба ҷо овардани рисолати аслии худ – устувор гардонидани оила, тарбияи шоистаи фарзандони боодобу соҳибмаърифат ва ватандӯсту худшинос, инчунин дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар талошҳои пайгирона намуда, саҳми босазо гузошта истодаанд».***

## БОНУВОНИ ТАЪРИХСОЗИ ТОҶИК

Ин воқеияти раднопазир аст. Ва бинобар ин мо низ хостем бо истифода аз манбаъҳои таърихӣ хонандагонро бо ҳаёт ва фаъолияти бонувони таърихсози тоҷик ошно намоем.

Дар манбаъҳо маълумот дар бораи занони таърихсози тоҷик хеле кам ба назар мерасад. Барои шинохти бонувони фаъоли аҳди Сомониён дар адабиёти таърихӣ маълумот хеле ноқисанд.

Дар асрҳои миёна, махсусан пас аз густариши дини ислом аз ҷониби афроди алоҳидаи гумроҳ, чунин талқин мешуд, ки гӯё вазифаи зан танҳо дар хона мондану чун манбаи ишрати мард қарор гирифтан, парвариши фарзандон ва кори рӯзгори хонаводагӣ буду халос. Бо вуҷуди ин, шариати асли ислом нисбати зан хеле нигоҳи инсондӯстона дорад.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

## САДОЕ, КИ АЗ ОРЗУҲО ОҒОЗ ШУД...




Аз он рӯзҳое, ки ҳанӯз кӯдак будам, дар гӯшаи хона садои ҷозибадори радио маро ба олами дигар мебурд. Он овозҳо, он лаҳни самимии сухандонҳо маро мафтун мекарданд. Ҳар бор ба ин садоҳо гӯш медодам, дар дил як орзу мекардам: оё рӯзе мерасида бошад, ки овози ман ҳам аз радио танин андозад?

Солҳо гузаштанд. Орзуҳои кӯдакӣ низ ҳамчунин, вале як орзу орзуе, ки садоям дар радио пахш шавад, ҳамеша дар дилам зинда монд. Ман ба зиндагӣ қадам ба қадам ворид ва ба орзуҳои худ беш аз пеш наздиктар мешудам. Ва имрӯз он орзуи ширин, он орзуи кӯдакона, либоси амал пӯшид ва аз ин хеле сарфарозам!

Акнун ман на танҳо шунавандаи одӣ, балки касе ҳастам, ки барои дигарон барнома пешниҳод мекунад, дар паси микрофон менишинад ва ба ҳазорҳо шунаванда сухан мерасонад. Баромади радиоӣ на танҳо хондани матн, балки ба қалб роҳ кушодан, дар ҳар ҷумла нур рехтан, бо овози худ ҷаҳонро каме самимитар кардан аст.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

***Чанде пеш дар назди бинои Маркази эҷоди контентҳои миллӣ пайкараи аввалин журналистзани ӯзбек – Собира Холдорова гузошта шуд, ки ин иқдоми нек гиромидошти хотираи бонуи соҳибқалам мебошад.***

## АВВАЛИН ЖУРНАЛИСТЗАНИ ӮЗБЕК

Собира Холдорова соли 1907 дар шаҳри Чусти вилояти Намангон дар оилаи деҳқони камбағал дида ба дунё кушодааст. Соли 1923 ба Тошканд омада, дар Институти муаллимтайёркунии занону духтарон ду сол таҳсил мегирад. Дертар дар Институти журналистикаи олии Маскав хондааст. Тӯли солҳо дар таҳририятҳои газетаву маҷаллаҳои гуногуни Тошканд фаъолият бурдааст. Соли 1937 таҳти айбномаи «роҳ додан ба унсурҳои буржуазӣ ва риоя накардан ба огоҳӣ» ҳабс шудааст. 5 декабри соли 1940 ба муҳлати даҳ сол ба Якутия бадарға гардидааст.

Шавҳари Собира Холдорова Мӯъмин Усмоновро 4 октябри соли 1938 паррондаанд.

Солҳое, ки модар бадарға буд, фарзандони онҳо Пӯлод ва Манзураро ба хонаи бачаҳо супурдаанд. Соли 1955 Собира Холдорова аз ҳабс баргашта, соли 1984 вафот кардааст. Писараш Пӯлод Усмонов пас аз ҷароҳат гирифтан дар Ҷанги дуюми ҷаҳон ба ватан бармегардад. Духтараш Манзура Усмонова доктори фанҳои физика-математика.

**Б. САОДАТ.**

## ҲИҶОБ РАМЗИ ИФФАТ АСТ!?

***Имрӯз масъалаи ҳиҷоб ва ҳиҷобпӯшӣ танҳо як мавзӯи динӣ нест, он ба баҳси виҷдон, фарҳанг, ахлоқ ва масъулияти шахсӣ табдил ёфтааст. Мо дар ҷомеаи муосир як падидаи ҷолиброро мушоҳида мекунем: шумораи ҳиҷобпӯшон меафзояд, аммо ҳамзамон дарки маънои аслии ҳиҷоб каму коста мегардад. Саволе ба миён меояд: ҳиҷоб танҳо сарпӯш аст ё тарзи зиндагист?***

Дар таълимоти исломӣ ҳиҷоб пеш аз ҳама мафҳуми сатрро дорад, яъне ҳифз ва нигоҳдории шарафу иффати шахс, ба хусус зан мебошад. Ҳадафи он маҳдуд не, балки муҳофизат кардани зан аст. Аммо воқеияти имрӯз нишон медиҳад, ки ҳиҷоб баъзан танҳо ба як унсури зоҳирӣ мубаддал мегардад.

Дар кӯчаву хиёбон, нақлиёти ҷамъиятӣ ва ғайра духтаронеро мушоҳида мекунем, ки ҳиҷоб доранд, вале либоси танг, рафтору гуфтори номуносиби эшон бо маънои ин арзиши муқаддас ҳамоҳанг нест. Ин ҳолат ҷомеаро ногузир ба андеша мебарад:

**Оё мо мазмунро қурбони зоҳир намекунем?**

Ҳиҷоб, агар танҳо сарбанд бошаду ахлоқ онро ҳамроҳӣ накунад, арзиши худро аз даст медиҳад. Чун рафтор, гуфтор ва одоби инсон бо либосаш мувофиқат намекунад, ҳатто ҳиҷоб ҳам аз рамзи иффат ба намоиши бурду бемаънӣ табдил меёбад. Дар ин ҳолат айб дар ҳиҷоб нест, балки мушкил дар идроки нодурусти он аст.

Барои равшан намудани мавқеи шариат дар ин масъала мо бо Имом-хатиби деҳаи Лангари ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё Мулло Эронқул ҳамсуҳбат шудем.

Ба гуфтаи ӯ, ҳиҷоб танҳо рӯйпӯш нест, балки як низоми ахлоқист:

«Ҳиҷоб, пеш аз ҳама, ҳифзи иффат ва кароматти зан аст. Сатр ҳам барои мард ва ҳам барои зан фарз мебошад».

Дар таълимоти исломӣ талаботи ҳиҷоб танҳо ба либос маҳдуд намешавад. Ҳаё, одоб, гуфтори нарм ва рафтори шоиста ҷузвҳои ҷудонопазири онанд. Тавре Сӯфӣ Аллоҳёр фармудааст:

*Сурхии рӯйи зан зи*
*пинҳонист,*
*Сарфарозии ӯ мусалмонист.*

Яъне ҳусни ҳақиқӣ на дар намоиши зоҳирӣ, балки дар ҳифзи арзишҳост.

Имрӯз мутаассифона, бархе аз ҷавонон ҳиҷобро ҳамчун мӯд ё нишони зоҳирӣ қабул кардаанд, ки он на танҳо маънои динӣ, балки арзиши фарҳангиро низ заиф месозад. Зеро ҳиҷоб интихоби маънавист, на тамоюли иҷтимоӣ.

Бояд дарк кард, ки ахлоқ танҳо масъулияти занону духтарон нест. Ҷомеа, муҳити тарбия, рафтори мардон ва фарҳанги умум низ дар посдошти арзишҳои шарму ҳаё нақши калидӣ доранд. Ҳиҷоб вақте маънӣ пайдо мекунад, ки ба он муҳит низ эҳтиром гузорад.

– Ҳиҷобдорӣ бояд тавъам бо идрок ва имон бошад. Имони иҷборӣ устувор намемонад, – мегӯяд имом-хатиб.

Воқеъан, интихоби огоҳона арзишмандтар аст аз итоати иҷборӣ.

Дар Ӯзбекистон озодии виҷдон кафолат дода шудааст. Аммо озодӣ ҳамеша бо масъулият ҳамқадам аст. Интихоби ҳиҷоб маънои бар дӯш гирифтани рамзи ахлоқ ва фарҳанг мебошад.

Ҳамзамон ҷомеа низ бояд одил бошад. Танқид метавонад созанда бошад, аммо таҳқир ё тамасхур танҳо ҷудоӣ меофарад. Зеро ҳиҷоби воқеӣ пеш аз ҳама аз қалб оғоз мешавад.

Хулоса, мо бояд ҳиҷобро ҳамчун арзиши ахлоқӣ ҳифз бикунем ва ба нишони зоҳирӣ табдил надиҳем.

**Д. ДОНИЁР.**

# БОНУВОНИ ТАЪРИХСОЗИ ТОҶИК

(Аввалаш дар саҳ.3).

Аз рӯи сарчашмаҳои таърихӣ маълум мешавад, ки асрҳои IX-X, ки замони ҳукмронии сулолаҳои Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Зиёриён, Бувайҳиён дар ҳудудҳои тоҷикзамини таърихӣ мебошад, дар қиёс ба ҳукумати Аббосиҳо ва сулолаҳои минбаъда, зан то андозае аз ҳуқуқҳои худ бархурдор буд. Дар давлати Сомониён ҳатто зан то ба мақоми подшоҳӣ расида буд ва ҳамчун ходими сиёсию давлатӣ усули махсуси идораи давлатро роҳандозӣ намуд. Масалан, соли 976 ҳангоме, ки амири Сомониён Мансури I (961-976) вафот кард, давлатдорӣ ба ӯҳдаи валиаҳди ӯ – писари 13-солааш Нуҳи II расид. Аммо аз сабаби хурдсолӣ амалан идораи давлат дар дасти модари ӯ, яъне завҷаи амир Мансури I буд. Дар таърихи миллати мо то густариши ислом занони сиёсатмадор ба монанди Фаронак (модари шоҳ Фаридуни пешдодӣ), Гурдофарид (паҳлавондухтари ориёӣ), Заррина (маликаи сакоиҳо), Мондоно (модари Куруш), Спак (модархонди Куруш), Томарис (маликаи массагетҳо), Косондон (завҷаи Куруш), Отсо ё Отусо (духтари Куруш ва зани Дориюши Кабир), Сататира (Ситора, духтари Дорои III), Обона (Апама, духтари Спитамени диловар), Рухшона (духтари волии Бохтар Вахшуварт), Ютоба (муборизи зидди мақдуниҳо), модари Шопури II, Гурдия (хоҳари Баҳроми Чӯбина), Марям, Сирӣ — Ширин (занони Хусрави Парвиз), Бӯрондухт, Озардухт (маликаҳои Сосониён), Шаҳрбону (духтари Яздигурди III), Хуррама (завҷаи Маздак), Хутак (маликаи Бухоро) ва ғайра хеле зиёд буданд.

Бо таъсири сиёсати фарҳангпарварона ва инсондӯстонаи давлати Сомониён чанде аз занон дар ин қаламрав чун чеҳраҳои намоёни илму фарҳанг падидор шуданд. Бархе аз занон дар муҳити хонаводагӣ соҳибмактаб буданд. Аз ин ҷост, ки бисёри бузургони мо нахуст устоди хеш модари худро медонанд. Дар аҳди Сомониён теъдоди чунин занони донишманд бе зикри номашон хеле зиёд буданд. Мутаассифона, зикри номи занонро бархе аз рӯҳониёни хурофотӣ ҷоиз намедонистанд ва ифшои онро ба бенангии мардони хонадон алоқаманд мекарданд. Аз ин рӯ, исми бисёре аз онҳо дар хотираи таърих намондааст. Дар ин миён ҳатто занони донишманде буданд, ки дар мавриди додани ҳар гуна фатвоҳои ҳуқуқӣ низ нақш доштанд. Ҳамин паҳлӯи мавзӯъро дар замони Сомониён донишманди эронӣ Муҳаммадризои Ноҷӣ таҳлил намуда, аз ҷумла чунин менависад: «… дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва дигар шаҳрҳо, вақте фатвое аз хонаи олиме содир мешуд, ҷуз хатти соҳибхона, хатти духтар ва ҳамсар, хоҳар ва дигар бастагони ӯ низ дар пои он буд». Ҳамин тавр, дар хонадони ҳар як нафар олиму мударрис зане соҳибдилу равшанфикр вуҷуд дошт, ки бо қалби худ чароғи хонадону ҷомеа буд. Дар шаҳрҳои марказӣ теъдоди занони соҳибмактаб бештар буд. Аслан онҳо духтарбачаҳо ва ё писарони хурдсолро таълим медоданд. Маҳз чунин модарони боиффату солеҳа буданд, ки дар домони поки эшон чеҳраҳое ба монанди Исмоили Сомонӣ, Наср ибни Аҳмад, Табарӣ, Балъамӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Абӯшакури Балхӣ, Наршахӣ, Ҷайҳонӣ, Утбӣ, Гардезӣ ва садҳо нафарони дигар парвариш ёфтанд.

Бо мақсади ошноии бештар метавон чанде аз онҳоро муаррифӣ намуд, ки дар адабиёти таърихӣ номашон ҳифз шудаанд.

Қозии Ҷузҷон Муҳаммад ибни Аҳмади Абириҷо духтаре дошт, бо исми **Хадиҷа**, ки ҳамчун фақеҳ, муҳаддис шӯҳрат ёфта буд. Хадиҷа забони арабӣ ва фиқҳро аз падар ва модари хеш меомӯзад. Ӯ муддати сад сол умр мебинад ва дар хонаи хеш мактаби духтаронаеро сарварӣ мекард.

Бонуи дигар бо номи **Каримаи Кушмиҳании** Марвазӣ (асрҳои X-XI) мебошад, ки аз сабаби истиқомат дар Макка бо лақаби «Муҷовира» (бошандаи назди ҷойҳои муқаддас) машҳур шудааст. Ӯ зодаи шаҳри Марв буда, дар ҷавонӣ аз донишмандон Абӯалӣ Зоҳир ибни Аҳмади Сарахсӣ ва Муҳаммад ибни Маккӣ ибни Муҳаммади Марвазӣ ҳадис омӯхтааст. Дар донистани адабиёту ҳикмат ҳам ҳамто надошт. Бинобар навиштаи Муҳаммадризои Ноҷӣ ӯ зани фозилу донишманд буда, дар тӯли ҳаёт издивоҷ накардааст. Ҳамроҳи падараш Аҳмад ибни Муҳаммади Ҳотам ба сафари Байтулмуқаддас ва Макка рафтааст. Ба навиштаи ин донишманд Карима борҳо «Саҳеҳ»-и Бухориро ривоят кардааст ва касоне чун Хатиби Бағдодӣ аз ӯ ривоят намудаанд.

Яке аз бузургтарин чеҳраҳои фарҳангӣ **Робияи Балхӣ** мебошад. Ӯ яке аз шоираҳои номвари аҳди Сомониён буд, ки дар эҷодиёташ ишқи поки инсонироараннум намудааст. Роҳбари Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби хеш «Забони миллат – ҳастии миллат» доир ба Робияи Балхӣ чунин менависад: «Робиа бинти Каъби Қаздории Балхӣ аз нахустин бонувони сухансарои аҳди сомонист, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ шеърҳои ошиқонаи ҷаззобу рангин сурудааст… Аз ашъори ӯ маҷмӯан то рӯзгори мо 55 байт боқӣ мондааст. Забони ашъораш аз лутфи табъ ва рангинии хаёлаш дарак медиҳад». Дар воқеъ, Робия яке аз занони озода ва озодандеш буд ва аз ишқи покаш бо нафаре бародараш огоҳ шуда, ӯро мекушад. Бо ин Робиа бадном мешавад. Умуман, дар ҳавзаҳои илмию адабии Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Ҳисор, Ҳироту Балх, Марву Нишопур ва ғайра чунин занони соҳибмаърифат ва рӯшанфикр бо теъдоди ангуштшумор вуҷуд доштанд, ки ҳар яке мақоми муайянеро соҳиб буданд.

Зан – модар маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ мақоми бештар пайдо намуд. Таҳлилҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки дар воқеъ, нақши занон дар тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа сол то сол меафзояд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**


## ҶАМОАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД БА НОМИ ШАРОФ РАШИДОВ

бо эҳтиром ба шахсияти муқаддаси Зан – Модар тамоми модарони арҷманд ва бонувону духтарони азизи Ӯзбекистонро ба ифтихори

**8 март –**

**Рӯзи байналмилалии занон ва духтарон**

– ҷашни фархундаи баҳору зебоӣ ва садоқату муҳаббат самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоми онҳо саломатӣ, иқболи нек ва зиндагии босаодати оилавӣ орзу менамояд.





Ҷашн муборак, модарону хоҳарони гиромӣ ва духтарони арҷманд!


# САДОЕ, КИ АЗ ОРЗУҲО ОҒОЗ ШУД…

(Аввалаш дар саҳ.3).

Санъати сухандонӣ ё наттоқӣ ҳунарест, ки таппиши баланди дил мехоҳад, эҳсоси масъулият мехоҳад. Овози ширин онро зебу зиннат мебахшад.

Ҳар боре ки паси микрофон нишаста ба мухлисони гуфторҳои тоҷикӣ барномаи навбатиро пешкаш мекунам, эҳсос менамоям, он кӯдаке, ки солҳои пеш дар гӯшаи хона ба садои радио гӯш медод, ҳоло орзуҳояшро амалӣ менамояд ва ҳар рӯз дар соати муқарраршуда мардуми зиёд ба садои ӯ гӯш медиҳанд. Оё ин хушбахтӣ нест?

Вақте аввалин бор дар паси микрофон нишастам, дилам бо овози худ ҳамнафас шуд. Ҳис мекардам, ки ҳар сухан, ҳар калима ва ҳар нафаси маро шунавандагон эҳсос мекунанд. Он лаҳза фаҳмидам: радио танҳо садо нест, ин масъулият, муҳаббат, пайванди байни қалбҳо аст.

Дар ҷараёни кор омӯхтам, ки ҳар ҷумла бояд ҳаётӣ бошад, суханоне, ки аз замири дил баромадаанд, ҳатман ба қаъри дилҳо медароянд. Шояд ҳамин аст асрори радио.

Ҳар рӯз бо муҳаббат вориди студия мешавам. Лаҳзае, ки чароғи сурх фурӯзон мешавад, гӯё тамоми дунё хомӯш мемонаду фақат овози ман танин меандозад.

Ин роҳ осон набуд. Забон, нутқ, тарзи талаффуз, эҳсос, лаҳн – ҳама омӯзиш сабр ва меҳнат мехост. Аммо ҳар қадам, ҳар заҳмат, ҳар мушкил маро ба орзуи деринаам наздиктар мекард. Ман омӯхтам, ки овоз танҳо ҳунар нест, масъулияти ҳамарӯза аст: масъулияти эҳтироми шунавандагон, масъулияти дуруст интихоб ва талаффуз кардани вожаҳову ҷумлаҳо, масъулияти ба ҳар кас расонидани порае аз меҳр.

*Аз хабарҳои ҷаҳон огоҳ*
*гардонад туро,*
*Мекунад дил шод оҳангу*
*ҳавои радио.*

Радио ба ман омӯзонд, ки ҷаҳонро танҳо бо чашм не, балки бо гӯши дил ҳам бубинаму бишнавам. Садои одамон, қиссаҳои онҳо, хурсандиву ҳайронӣ, ғаму шодӣ – ҳама дар баҳри овоз ғӯта мезанаду дар дилҳо ҷой мегиранд. Ҳоло, ҳар боре, ки барнома пешкаш мекунам, дар дилам шукр мегӯям, ки дар пешаи интихобкардаам устувор мондаам, орзуҳоям дар ҳаёт ба воқеият табдил меёбанд.

Бесабаб орзу дар дили инсон пайдо намешавад – ҳар орзу паёми пинҳонии тақдир аст, ки ба ту мегӯяд: «Ту метавонӣ, онро амалӣ кунӣ, агар ба роҳи иҷрои орзуҳо ба сафар бароӣ».

Ман имсол гурӯҳи тоҷикии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғонаро хатм хоҳам кард. Соли чорум аст, ки дар радиои вилоят ба ҳайси муҷрии гуфторҳои тоҷикии он ифои вазифа менамоям. Ният дорам, ки таҳсилро дар магистратура низ давом диҳам.

Шукр, ки аз донишҷӯёни пешсафи факулта мебошам ва борҳо бо «Ифтихорнома»-и ректорат ва деканат сазовор гаштаам. Соли 2025 мукофоти Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъро, ки барои ҷавонони боистеъдод таъсис додааст, ба даст овардам.

Дар чандин чорабиниҳои сатҳи вилоятӣ ровигӣ кардам, маҳфилҳоро сарварӣ намудам.

То марҳилаи ҷумҳуриявии озмун барои Мукофоти давлатии Зулфия расидам, вале толеъ мадад накард, ки дар миёни 10 нафари дигар барандаи ин ҷоиза шавам. Аммо ҳаргиз рӯҳафтода нестам, чунки то марҳилаи вилоятӣ расидану баъдан дар марҳилаи ҷумҳуриявӣ ширкат намудан – ин худ ҳам бахт ва ҳам муваффақияти бузургест. Маъмурияти донишгоҳе, ки он ҷо таҳсил мекунам, маҳз мани тоҷикдухтари деҳотиро барои ширкат дар ин озмун тавсия намуд, ки то марҳилаи ҷумҳуриявӣ расидам.

Дарвоқеъ, ман зодаи деҳаи Ҳушёри ноҳияи Сӯх ҳастам. Мактаби деҳаро бо медали тилло тамом кардам ва бо гранти давлатӣ ба донишгоҳ дохил шудам. Насиб бошад, онро бо дипломи сурх хатм хоҳам кард.

Падару модарам одамони одӣ, вале равшанфикранд. Як ҳамшираву ду бародар низ дорам, ки яке имсол донишгоҳро хатм мекунад ва дуи дигар барои ишғоли курсии донишҷӯӣ талош ба харҷ медиҳанд.

Ҳофизи Шерозӣ барҳақ фармудааст: «Қадам бурун неҳ, агар майли ҷустуҷӯ дорӣ»

**Фарҳунда РАВШАНЗОДА,**
**наттоқи гуфторҳои тоҷикии**
**Ширкати садо ва симои**
**вилояти Фарғона.**


## ҶАМОАИ ИТТИҲОДИЯИ ТИББИИ ШАҲРИ САМАРҚАНД

модарону бонувони арҷманд ва хоҳарони азизро ба ифтихори

**РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАНОН ВА ДУХТАРОН**

самимона табрик намуда, ба ҳамаи бонувон саломативу хушбахтӣ, хонаи обод ва рӯзғори осуда орзу менамояд.

*Бигзор, тамоми орзу ва умедҳои некӯи Шумо ҷомаи амал пӯшанд:*

Замину осмон аз модарон аст,
Ҳаёти ҷовидон аз модарон аст.
Ҷаҳон бе модарон рӯзе надорад,
Ҳама рӯзи ҷаҳон аз модарон аст!




# ОБОДӢ АЗ ДИЛҲО САР МЕШАВАД

***Тартиб, покизагӣ ва некӯаҳволӣ аз ҷумлаи арзишҳои абадии мардуми мо ба ҳисоб мераванд. Дар кишвари мо асрҳо боз дар маҳаллаҳо ва деҳот ҳашарҳои гуногун ташкил карда шуда, кӯчаҳову хиёбонҳо обод ва муҳити зист тоза нигоҳ дошта мешуд. Ин анъанаи нек имрӯз низ идома ёфта, мазмуну муҳтавои нав мегирад.***

Бо ташаббуси ҳокими вилояти Наманган, рӯзҳои шанбе дар тамоми ҳудудҳо баргузории тозакунии оммавӣ ва рӯзҳои якшанбе дар қабристонҳо анҷом додани корҳои ободониву тозакунӣ ба як анъанаи нек табдил ёфтааст.

Субҳи барвақт дар ҳамаи минтақаҳо, аз ҷумла дар ноҳияи Уйчӣ корҳои тозакунии оммавӣ дар фазои шодмонӣ оғоз гардид. Дар ташкилоту идораҳо, кӯчаву роҳҳо ва манзилҳои истиқоматӣ корҳои васеъмиқёси ободонӣ, кабудизоркунӣ ва тозакунӣ гузаронда шуданд.

Дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» дар қитъаи замини холии маҳаллаи Файзиобод шинондани ниҳолҳои ороишӣ баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ роҳбарияти ноҳия, масъулони ташкилоту идораҳо ва сокинони маҳалла фаъолона иштирок намуда, зиёда аз 600 бех ниҳоли дарахтони ороишӣ шинонданд.

Ба нақша гирифта шудааст, ки имсол дар мавсими баҳор дар ҳудуди ноҳия 534 ҳазор бех ниҳоли дарахтони мевадиҳанда ва манзаранок шинонда мешавад. Айни ҳол чараёни ҳашарҳои хайрия дар ҳамаи маҳаллаҳо идома дорад ва сокинон дар ободонии минтақаи худ ҳисса мегузоранд.

**Шаҳло МАМАДҶОНОВА,**
*вилояти Наманган*


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 2071. Ҳаҷм 2 чузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.